**«Тасдиқ мекунам»**
Директори КВД «ПИТ С ва М»-и
Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
_____________Саломзода М.М.
«__» _____________ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Изатуллозода Рамазон Хайрулло дар мавзуи «Арзёбии экологии истифодаи тафолаҳои оҳангудозӣ дар истеҳсоли маводи сохтмонӣ (дар мисоли КВД «Коргоҳи машинасозӣ»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисосӣ 6D060800 - Экология (6D060803-Экология (илмҳои техникӣ))**

Ташкилоти тақриздиҳанда – Корхонаи воҳиди давлатии «Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии «Сохтмон ва меъморӣ» –и Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (КВД «ПИТ С ва М») ба кори диссертатсионии Изатуллозода Рамазон Хайрулло дар мавзуи «Арзёбии экологии истифодаи тафолаҳои оҳангудозӣ дар истеҳсоли маводи сохтмонӣ (дар мисоли КВД «Коргоҳи машинасозӣ»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060800 – Экология (6D060803 – Экология (илмҳои техникӣ)) пешниҳод шудааст.

Бо қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-091 (протоколи №13 аз 23 июни соли 2026) назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ташкилоти тақриздиҳанда, Корхонаи воҳиди давлатии «Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии «Сохтмон ва меъморӣ» – и Кумитаи меъмори ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардидааст.

Тақризи кори диссертатсионии Изатуллозода Р.Х. дар мавзуи «Арзёбии экологии истифодаи тафолаҳои оҳангудозӣ дар истеҳсоли маводи сохтмонӣ (дар мисоли КВД «Коргоҳи машинасозӣ»)» аз ҷониби мушовири директор оид ба масъалаҳои илми КВД «ПИТ С ва М», номзади илмҳои техникӣ, дотсент Фазилов Анвар Раҳматджанович ҳамчун эксперт омода гардида, дар ҷаласаи васеи Шӯрои илмӣ-техникии Пажуҳишгоҳ 20 августи соли 2026, протоколи №1 мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Дар муҳокима ва музокираҳо н.и.т., дотсент Фазилов А.Р., н.и.т. дотсент Нуманов О.Р. баромад карда, кори диссертатсионии пешниҳодгаштаро мувофиқи талаботи муқаррароти мавҷудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуда, дастгирӣ карданд.

Ташкилоти тақриздиҳанда, кори диссертатсионии Изатуллозода Р.Х.-ро дар мавзуи «Арзёбии экологии истифодаи тафолаҳои оҳангудозӣ дар истеҳсоли маводи сохтмонӣ (дар мисоли КВД «Коргоҳи машинасозӣ»)» мавриди баррасӣ қарор дода, чунин хулосабандӣ карданд:

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.**

Диссертатсияи мазкур ба омӯзиши масъалаи «Арзёбии экологии истифодаи тафолаҳои оҳангудозӣ дар истеҳсоли маводи сохтмонӣ (дар мисоли КВД «Коргоҳи машинасозӣ»)» нигаронида шудааст, ки он бо чорабиниҳои комплексии ҳифзи муҳити зист, сарфакорона истифода бурдани захираҳои табиӣ, беҳтар намудани ҳолати табиии муҳит ва таъмин намудани бехатарии экологӣ барои дурнамои дарозмуҳлат дар барномаҳои давлатӣ муҳим арзёби мегардад.

Аз ин лиҳоз, кори илмии пешниҳодгардида оид ба қисман иваз намудани захираҳои асосии сохтмонӣ бо партовҳои сахти корхонаҳои саноатӣ дар мисоли тафолаҳои оҳангудозӣ барои истеҳсоли маводҳои сохтмонӣ (хишти сафолӣ, блокҳои бетонӣ, тахтасангҳои пиёдароҳ) ва беҳтар намудани хосиятҳои сохтмонӣ ва техникии маҳсулоти истеҳсолшуда бо мақсади ҳалли масъалаҳои экологӣ вобаста ба нобудгардонии партовҳои тафолаи оҳангудозӣ яке аз самтҳои мубрами мавзуи таҳқиқот ба ҳисоб мераванд.

Аҳамияти кор бо коркарди ҳамаҷонибаи партовҳои тафолаи оҳангудозӣ, афзоиши заминаи ашёи хом барои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва кам кардани таъсири партовҳои саноатӣ ба муҳити зист (об, хок) алоқаманд аст.

Объекти таҳқиқоти илмӣ хиштҳои сафолӣ, блокҳои бетонии сохтмонӣ ва тахтасангҳои пиёдароҳ мебошанд, ки дар асоси тафолаи оҳангудозии КВД «Коргоҳи машинасозӣ» истеҳсол шуда, хусусияти физикӣ-механикии онҳо ба талаботҳои меъёрҳои сохтмонӣ мувофиқат мекунанд.

Дар марҳилаи кунунӣ масъалаи Арзёбии экологии истифодаи тафолаҳои оҳангудозӣ дар истеҳсоли маводи сохтмонӣ (дар мисоли КВД «Коргоҳи машинасозӣ»)» як қатор зарурати илмӣ, амалӣ ва экологӣ доранд. Аз он ҷумла:

***Зарурати экологӣ.*** Коҳиш додани таъсири партовҳои сахти саноати металлургӣ (тафолаҳои металлургӣ ва оҳангудозӣ) ба муҳити зист (олудашавии об ва хок) ва сарфакорона истифодабарии ашёи хоми табиӣ (гили сохтмонӣ) дар истеҳсоли маводҳои сохтмонӣ.

***Зарурати энергетикӣ.*** Иваз кардани иловаи ангишт ба партовҳои сахти тафолаи оҳангудозӣ (15-20 кг ба 1 $м^3$ массаи гил) ва кам намудани иловакунии сӯзишворӣ (ангишт) дар массаи хишти сафолӣ.

***Зарурати иқтисодӣ.*** Кам намудани хароҷоти иқтисодӣ ҳангоми иваз намудани иловаи ангишт дар массаи гил барои истеҳсоли хишти сафолӣ бо назардошти истифодабарии тафолаи оҳангудозӣ (модификаторҳои химиявӣ) дар технологияи мавҷуда. Чунин ашёи хом (тафола) арзон буда, бисёр корхонаҳои металлургӣ ва оҳангудозии ҷумҳурӣ тайёранд, ки ин партовҳои техникии худро ройгон диҳанд ва ҳудуди корхонаҳоро аз ин партовҳои техникӣ холӣ намоянд.

***Зарурати техникӣ.*** Озмоиши саноатии хати технологии пешниҳодгардида нишон дод, ки дар муқоиса бо нақшаи технологии мавҷудбуда як қатор бартариҳо дорад: хати раванди истеҳсололот аз рӯйи

конструксияи техникӣ мураккаб набуда, соддатар аст; дар ин раванд тафолаи оҳангудозӣ ҳамчун иловаи тағйирдиҳанда ба ҷои ангишт истифода мешавад; ба сифатнокӣ, намуди берунӣ ва мустаҳкамӣ, устувории маснуоти сохтмонӣ мусоидат менамояд.

Маводҳои истеҳсолгардида ба меъёрҳои физикӣ-механикии стандартҳои байнидавлатӣ мутобиқат мекунанд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки партовҳои тафолаҳои истеҳсолоти металлургӣ (оҳангудозӣ) захираи арзишманд ба ҳисоб рафта, аз нав коркард ва истифодабарии он барои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, мусоидат менамоянд.

**Дараҷаи асосноккунии илмӣ, хулосаю пешниҳодот, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Дар диссертатсия асосноккунии илмӣ оид ба истифодаи партовҳои техногенӣ ба сифати ашёи хоми дуюмдараҷа дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, исбот карда шудааст, ки татбиқи амалии он дар истеҳсолоти маводи сохтмонӣ (хишти сафолӣ, блокҳои бетонӣ, тахтасангҳои пиёдароҳ) метавонад ба баланд бардоштани амнияти экологӣ ва дар рушди соҳаи сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

Хулоса ва пешниҳодоти диссертатсия бо далелҳои илмӣ, усулҳои муосири таҳқиқот ва таҷрибаи байналмилалӣ асоснок карда шуда, метавонанд ҳамчун заминаи илмӣ барои таҳқиқоти минбаъда ва қабули қарорҳои амалӣ дар самти рушди устувори соҳаи сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гарданд. Истеъмолкунандагони асосии ин партовҳо саноати масолеҳи сохтмонӣ ва сохтмони роҳҳо мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Дар асоси таҳлилу баррасии мавзуи таҳқиқшаванда навгониҳои зерин пешниҳод гардидаанд, ки дорои саҳеҳияти баланди илмӣ мебошанд:

- дар асоси таҳқиқоти илмӣ таркиби физикӣ-химиявӣ, гранулометрӣ, радиатсионӣ ва хусусиятҳои ашёи хоми гили минтақаи Ваҳдат ва тафолаҳои оҳангудозии КВД «Коргоҳи машинасозӣ» омӯхта шуда, часпандагии омехтаҳо (гил+тафола), сарфакорона истифодабарии ашёи хоми саноатӣ бо иловаи тафолаҳои оҳангудозӣ ҳамчун модификаторҳои химиявӣ дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ (хиштҳои сафолӣ, блокҳои бетонӣ, тахтасангҳои пиёдароҳ) муайян карда шуд;
- хусусиятҳои сохтмонӣ ва техникии маводҳои бадастомада, инчунин коҳишёбии ҳаҷми хиштҳои сафолӣ вобаста ба миқдори фоизии тафолаи оҳангудозӣ омӯхта шуданд;
- исбот карда шуд, ки маҳсулоти сохтмонии истеҳсолшуда бо нишондиҳандаҳои баланди сифат ва хосиятҳои сохтмонӣ - техникӣ истеҳсол гардида, бо кам кардани хароҷоти ашёи хоми асосӣ, инчунин ҳалли мушкилоти экологӣ дар истеҳсолоти металлургӣ ва оҳангудозӣ мусоидат менамояд. Натиҷаҳои мазкур бо патенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Массаи сафолӣ барои истеҳсоли хишт» (№ TJ 1629, 2025) ҳифз шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки аз тарафи диссертант кори илмӣ-таҳқиқоти оид ба истифодабарии тафолаи оҳангудозӣ барои истеҳсоли масолеҳ ва маснуоти сохтмонӣ (хишти сафолӣ, блокҳои бетонӣ ва тахтасангҳои пиёдароҳ), ки ба нишондиҳандаҳои баланди сифат ва хосиятҳои сохтмонӣ - техникӣ асоснок карда шудааст, бори аввал омӯхта шудааст. Аз ин лиҳоз, таҳқиқот нишон дод, ки истифодабарии партовҳои техногенӣ ба сифати ашёи хоми дуюмдараҷа дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ самаранокии баланд дорад.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот**

Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти илмӣ дар коркарди масолеҳи сохтмонии таркибӣ дар асоси гили минтақаи Ваҳдат, семент ва тафолаҳои оҳангудозии КВД «Коргоҳи машинасозӣ» мебошад.

Дар доираи таҳқиқот имконияти ҳал намудани масъалаҳои экологӣ оид ба безараргардонӣ, нобудсозӣ ва истифодабарии партовҳои тафолаҳои оҳангудозӣ ва инчунин сарфаҷӯӣ намудани ашёи хоми кори дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ муайян шудааст.

Муқаррароти назариявии кори диссертатсионӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ дар раванди таълим ҳангоми тайёр намудани муҳандисон, бакалаврон ва магистрон дар самтҳои «Сохтмони роҳҳо ва аэродромҳо», «Истеҳсоли конструксияҳо, маснуот ва масолеҳи сохтмонӣ», «Ҳифзи муҳандисии муҳити зист» дар муассисаҳои гуногуни олии таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти илмӣ ба татбиқ намудани натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолоти хиштҳои сафолӣ, блокҳои бетонӣ ва тахтасангҳои пиёдароҳ равона гардида, имкон медиҳад, ки аз ҳисоби истифодаи тафолаҳои оҳангудозӣ зарари экологӣ ба муҳити табиӣ бартараф карда шуда, самаранок коркард намудани партовҳои саноатӣ дар омехтаҳои маснуоти сохтмонӣ сарфаҷӯии захираҳои табиӣ баланд бардошта шавад.

Натиҷаҳои диссертатсия дар корхонаи хишти сафолии ҶСК «Барқи деҳот» (санади татбиқ 15.05.2026) ва Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (санади татбиқ 20.05.2026) мавриди истифода қарор дода шудааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳо.** Таҳқиқоти мазкур дар заминаи омӯзиши адабиёти илмӣ-техникӣ анҷом дода шудааст. Саҳеҳияти натиҷаҳои илмии ҳимояшаванда бо истифода бурдани усулҳои муосири назариявӣ ва озмоишии таҳқиқоти илмӣ вобастагӣ дорад.

Хусусиятҳои ашёҳои хоми маводҳо ва маснуоти сохтмоние, ки истеҳсол карда шудаанд, мувофиқи меъёрҳои стандартӣ муайян карда шудаанд.

Таҳқиқот бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Қисми асосии таҷрибаҳо бо истифода аз мавод, дастгоҳҳо ва таҷҳизоти истифодашуда дар озмоишгоҳи «Сохтҳо ва маводҳои сохтмонӣ» -и ҶСК Пажуҳишгоҳи илмӣ ва лоиҳакашию ҷустуҷӯии «САНИИОСП»,

озмоишгоҳи «Масолеҳ, технология ва ташкили сохтмонӣ» - Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, озмоишгоҳи таълимӣ ва илмию истеҳсолии кафедраи сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ва кафедраи бехатарии фаъолияти инсон ва экологияи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ амалӣ карда шуд.

Озмоиши илмии намунаҳои маводҳои сохтмонии истеҳсолшуда (хишти сафолӣ) бо патенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Массаи сафолӣ барои истеҳсоли хишт» (№TJ 1629 аз 30 октябри соли 2025) ҳифз шудааст.

Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Диссертатсия мустақилона анҷом дода шуда, дар асоси натиҷаҳои илмии анҷомёфта, мақолаҳои илмӣ ба чоп расидаанд. Ғайр аз ин, унвонҷӯ дар якчанд форум ва конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва илмию амалӣ аз рӯйи мавзуи таҳқиқоти маърӯза ва баромад намудааст.

Ҳамзамон, саҳми шахсии муаллиф дар ҷустуҷу ва таҳлили адабиёти соҳавӣ, вазифагузорӣ ва таҳлили вазифаҳои гузошташуда, ташкили шароити мусоид барои гузаронидани таҳлилҳои экспериментании озмоишӣ, таҳлили натиҷаҳои бадастовардашуда, ҷамъбасти мазмуни асосӣ, таҳияи диссертатсия ва мақолаҳои илмӣ мебошад.

Илова бар ин, саҳми мустақими унвонҷӯ дар муайян кардани миқдори оптималии тафолаҳои оҳангудозӣ барои истеҳсоли хиштҳои сафолӣ дар ҶДММ «Аква», дар омехтаи семент барои ба даст овардани блокҳои бетонӣ бо нишондиҳандаҳои қобили қабули босифат ва мустаҳкамӣ мебошад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Диссертатсия мустақилона навишта шуда, он натиҷаҳои илмиеро дар бар мегирад, ки дастовардҳои шахсии Изатуллозода Р.Х. ба ҳисоб меравад. Доир ба натиҷаҳои диссертатсия 15 кори илмӣ нашр шудааст, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, 5 мавод дар конфронсҳои илмӣ ба табъ расида, 1 нахустпатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ихтироъ дарёфт шудааст.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Дар муқаддима асоснокунии илмии масъала ва зарурати мубрамии мавзуъ, мақсади кор, вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмии кор, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ва сохтори он баён гардидааст. Ҳамзамон ҳадаф ва вазифаҳои асосии таҳқиқот муайян шуда, объекти таҳқиқ ва мавзуи он ба таври равшан шарҳ дода шудааст.

Дар ҳамин қисмат фарзия (гипотеза)-и илмие, ки таҳқиқот дар он асос ёфтааст, пешниҳод гардида, равишҳои назариявӣ ва методологӣ, инчунин манбаъҳои иттилоотӣ тавсиф ва асоснок карда шудаанд. Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомада, инчунин навовариҳои илмӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд. Илова бар ин, далелҳои воқеӣ ва

маълумоти муқоисавӣ, ки хулосаҳои таҳқиқотро тасдиқ мекунанд, оварда шудаанд.

Кори илмии диссертатсионӣ аз муқаддима, 4 боб, хулосаҳои асосӣ, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима иборат аст, ки аз 130 номгӯй иборат аст. Рисола дар 193 саҳифа пешниҳод шудааст, ки аз 20 ҷадвал ва 52 расм иборат аст.

**Мазмуни асосии диссертатсия**

**Дар муқаддима** мубрамияти кор асоснок карда шуда, дараҷаи коркарди илмии масъала мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳмияти назариявӣ ва амалии кор, мавзуъ ва матлаби таҳқиқот муайян гардидааст, саҳми муаллиф дар муқарраротҳои асоси ҳифзшаванда дарҷ карда шудааст.

**Дар боби 1** «Таъсири партовҳои металлургӣ (оҳангудозӣ) ба муҳити зист ва истифодаи тафолаҳои истеҳсолот дар саноати маводҳои сохтмонӣ (шарҳи адабиёт)», шарҳи таҳлилии адабиёти илмӣ доир ба масъалаи истифодаи партовҳои тафолаҳои истеҳсолоти оҳангудозиро дар бар мегирад.

Партовҳои сахти корхонаҳои металлургӣ майдонҳои калони истеҳсолӣ ва партовгоҳҳоро ишғол мекунанд, ки дар ин самт бехатарии экологӣ ва коркарди партовҳо дар тули фаъолияти истеҳсолӣ бояд ба таври кофӣ таъмин карда шавад. Аз ин лиҳоз дар адабиёти илмии таҳлилкардашуда аз нав коркард ва истифодаи партовҳои тафолаҳои оҳангудозӣ ва металлургӣ ҳамчун манбаи ашёи хоми силикатӣ (оксидҳои силитсӣ, алюминий, оҳан, калсий, магний, манган, сулфат ва ғайра) мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар натиҷаи омӯзиши адабиёти илмӣ самтҳои асосии таҳқиқот ва асосҳои назариявӣ муайян карда шуданд.

**Дар боби 2** «Тавсифи маводҳои истифодашаванда ва методикаи таҳқиқот» хусусиятҳои асосии физикӣ - химиявии ашёи хом: гили минтақаи Ваҳдат ва тафолаи истеҳсолоти оҳангудозии КВД «Коргоҳи машинасозӣ» оварда шудаанд.

Кори илмӣ бо истифода аз усулҳои муосири таҳқиқотӣ бо ёрии таҳлили гамма-спектрометрӣ, рентгенофазавӣ, химиявӣ (методи титриметрии муайян намудани $SiO_2$ ва $Fe_2O_3$) ва дигар усулҳои таҳлилӣ иҷро карда шуд.

Самти асосии таҳқиқоти диссертатсия ба таҳлили ҳамаҷонибаи таркиби физикӣ, химиявӣ, минералогӣ ва гранулометрии ашёи хоми гилӣ ва тафолаи истеҳсолоти оҳангудозӣ равона карда шудааст, ки барои истеҳсоли маводи сохтмонии самаранок мусоидат менамояд.

**Дар боби 3** «Озмоиши илмии физикӣ-химиявии хусусиятҳои намунаҳои маводҳои сохтмоние, ки истеҳсол карда шуданд» натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ, аз ҷумла озмоишҳои сохтмонӣ ва механикии намунаҳои хишти сафолӣ, блокҳои бетонӣ ва тахтасангҳои пиёдароҳ, омӯзиши хосиятҳои физики-химиявии он вобаста ба фоизи гуногуни миқдори тафолаи оҳангудозӣ, инчунин муайян кардани коҳишёбии мавод ҳангоми пухтани ашёи хоми гилӣ вобаста ба миқдори тафолаи оҳангудозӣ, пешниҳод шудаанд.

Таҳлили натиҷаҳои илмӣ нишон доданд, ки тафолаи оҳангудозӣ фаъолнокии гидравликии баланд дошта, маҳсулоти истеҳсолшуда (хишти сафолӣ, блокҳои бетонӣ ва тахтасангҳои пиёдароҳ), ки дар таркибашон ба ҳисоби миёна то 25% тафолаи оҳангудоӣ доранд ба талаботҳои стандартҳои байнидавлатӣ (ГОСТ 7473-2010, ГОСТ 530-2012, ГОСТ 22690-2015, ГОСТ 17608-2017) мувофиқат мекунанд. Инчунин ин имкон дод, ки партовҳо нобуд ва безарар карда шаванд ва сатҳи бехатарии экологӣ беҳтар карда шавад.

Маҷмӯи санҷишҳои физикӣ - механикии намунаҳои маҳсулотҳои истеҳсолшуда (хишти сафолӣ, блокҳои бетонӣ ва тахтасангҳои пиёдароҳ) дар озмоишгоҳи «Сохтҳо ва маводҳои сохтмонӣ» -и ҶСК Пажуҳишгоҳи илмӣ ва лоиҳакашию ҷустуҷӯии «САНИИОСП», озмоишгоҳи «Масолеҳ, технология ва ташкили сохтмонӣ» - Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, озмоишгоҳи таълимӣ ва илмию истеҳсолии кафедраи сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ гузаронида шуд.

**Дар боби 4** «Таҳияи усулҳои истифодаи тафолаҳои оҳангудозӣ дар истеҳсоли мавод ва маҳсулоти сохтмонӣ» нақшаи принсипиалии технологии истеҳсоли хиштҳои сафолӣ, блокҳои бетонӣ ва тахтасангҳои (плитаҳои) пиёдароҳ бо истифодаи иловаҳои партовҳои тафолаи оҳангудозӣ тавсия дода мешаванд. Самаранокии экологӣ ва иқтисодии истифодаи тафолаи оҳангудозӣ дар истеҳсоли хиштҳои сафолӣ ҳисоб карда шудааст.

Озмоиши саноатӣ ва нақшаи технологии пешниҳодгардида барои истеҳсоли хишти сафолӣ бе тағйирот дар ҶДММ «Аква» амалӣ гардид.

Дар хотима хулосаҳои асосии илмии кори диссертатсионӣ оварда шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ бо риояи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти №493 тасдиқ гардидааст, ба расмият даровара шудааст.

Автореферат ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Мавзуи кори диссертатсионӣ бо банди 4-и шиносномаи ихтисоси 6D060803-Экология (илмҳои техникӣ) дар соҳаи саноат: 4.9. «Таҳияи системаҳои идоракунии партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ дар корхонаҳои саноатӣ» ва 4.12. «Таҳлил ва арзёбии экологии иншоотҳои партовнигоҳдорӣ, таъсири манфии партовгоҳҳо ба муҳити табиӣ (ҳаво, об, хок, растанӣ) дар минтақа, аз нав барқарорсозии (рекултиватсия) партовгоҳҳо ва таҳияи илмии пешгирии таъсири он» мувофиқат менамояд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Дар баробари ҷанбаъҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасад, ки ба инобат гирифтани онҳо барои корҳои тадкиқотии ояндаи унвонҷӯ самаранок арзёби мегардад:

1. Дар таҳқиқотҳои илмӣ танҳо як намунаи тафола (тафолаи оҳангудозӣ) мавриди омӯзиш ва истифодабарӣ дар истеҳсоли маводи сохтмонӣ қарор дода шудааст. Ба назари мо агар дигар намуди тафолаҳо ба монанди тафолаҳои металлургии калсийдор, хокистари ангишт, партовҳои сахти маъдани дорои графит (графитсодержащая руда) ва ғайраҳо таҳлил карда мешуд, мазмуни кори илмӣ бой мегардид.

2. Дар боби 1, расми 1.4 микдори солонаи ҳосилшавии тафолаи оҳангудозӣ дар мисоли КВД «Коргоҳи машинасозӣ» нишон дода шудааст, ки ба ҳисоби миёна дар як сол то 650 кг тафола ҳосил мешавад. Лекин таҳлили дурусти ҳосилшавӣ ва захирашавии тафола дар дигар корхонаҳои саноатӣ пурра омӯхта ва таҳлил карда нашудааст.

3. Дар боби 3, банди 3.2, расми 3.8 дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ диаграммаи пухтани хишти сафолӣ дар ҳароратҳои гуногун вобаста ба таркиби микдории тафолаи оҳангудозӣ дар ҶДММ «Аква» оварда шудааст. Аммо, ҳангоми таҳлили раванди пухтани хишти сафолӣ дар хумдони накбии корхона дар бораи асбоби муайянкунандаи ҳарорат маълумот пешниҳод нагардидааст.

4. Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоӣ, грамматикӣ ва техникӣ дида мешавад.

Ба ақидаи мо эроду тавсияҳои зикршуда, сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Изатуллозода Р.Х. коҳиш намедиҳад. Дар умум диссертатсияро метавон гуфт, ки таҳқиқоти ба итмомрасида аст ва мустақилияти муаллиф дар омода намудани диссертатсия эҳсос мешавад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқаррааргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060800 – Экология (6D060803 – Экология (илмҳои техникӣ)) таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқотиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Диссертатсияи Изатуллозода Рамазон Хайрулло дар мавзӯи «Арзёбии экологии истифодаи тафолаҳои оҳангудозӣ дар истеҳсоли маводи сохтмонӣ (дар мисоли КВД «Коргоҳи машинасозӣ»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060800 – Экология (6D060803 – Экология (илмҳои техникӣ)) дар сатҳи зарурӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа ба талабот мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060800 – Экология (6D060803 – Экология (илмҳои техникӣ)) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30.06.2021, тахти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои техникӣ, дотсент Фазилов Анвар Раҳматджанович омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи Шурои илмӣ-техникии Корхонаи воҳиди давлатии «Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии «Сохтмон ва меъморӣ»-и Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 августи соли 2026 якдилона дастгирӣ ва қабул карда шуд.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 10 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Раисикунанда
Сармуҳандиси КВД «ПИТ «С ва М» ______________ Мустафоқулов С.

Экспертон:
номзади илмҳои техникӣ,
дотсент, ________________ Фазилов А. Р.
номзади илмҳои техникӣ,
дотсент, ________________ Нуманов О. Р.

Котиби илмии ҷаласа: ________________ Саидов М. Э.

Имзои н.и.т., дотсент, Фазилов А. Р., Мустафоқулов С, Нуманов О.Р. ва Саидов М.Э-ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи умумӣ ва кадрҳои
КВД «ПИТ С ва М» -и
Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ______________ Ҳолова С.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734025. ш. Душанбе, кӯчаи Ҳусейнзода, 36-А
Телефон: (992 37) 227-77-60, 227-77-61
E-mail: niisa.tj@mail.ru

«24» 08 соли 2026